# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.09.2024, №43**

Барои сазовор донистани Сафаров Абдумалик Абдусатторович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, санаи 15-уми июни соли 2024 бо суратмаҷлиси №38 шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Абдумалик Абдусатторович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 05-уми июни соли 1986 таваллуд шудааст. Соли 2013 Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Аз соли 2018 то соли 2021 дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, айни ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар давоми солҳои 2018-2022 дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Мирсаидов Аврор Бобоевич –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Салиева Ҳилола Шодибоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти филиали ДМТТ “МИСИС” дар шаҳри Душанбе.
- **Муассисаи пешбар -** кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Азимова М.Т. таҳия шуда буд, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти байналмиллалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2024, протоколи №1 муҳокима шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳмонзода Зоир Файзалӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии мустақилонаи ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаи номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шудааст ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафаров Абдумалик Абдусатторович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии ба табърасидаи Сафаров Абдумалик Абдусатторович таркиб ва муҳтавои асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ ба ҳисоб меравад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

***А. Интишорот дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

**1.** Сафаров, А.А. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2018. – № 11. – С. 26-29 (0,30 ҷ.ҷ). ISSN 2413 - 5151

**2.** Сафаров, А.А. Баъзе масъалаҳои назариявии омӯзиши афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019. – № 10. – С. 125-129 (0,40 ҷ.ч.). ISSN 2413 - 5151

**3.** Сафаров, А.А. Таҳлили рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Тоҷикистон [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019. – № 10/1. – С. 212-218 (0,55 ҷ.ч.). ISSN 2413 - 5151

**4.** Сафаров, А.А. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиркунанда [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.С. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – № 2. – С. 68-76 (0,70 ҷ.ч.). ISSN2663 - 0389

**5.** Сафаров, А.А. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.С. Содиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2020. – № 9. – С. 67-72 (0,40 ҷ.ч.). ISSN 2413 - 5151

**6.** Сафаров, А.А. Баъзе ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти афзоиши сармояи хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.А. Саидмуродова // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2021. – № 6. – С. 20-26 (0,55 ҷ.ч.). ISSN 2413 – 5151.

***Б. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо:***

**1.** Сафаров, А.А. Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Маводи конфронси илмӣ-назариявии устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040). (13-18 апрели соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 204-206 (0,20 ҷ.ч.).

**2.** Сафаров, А.А. Такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт [Матн ба забони тоҷикӣ]. / А.А. Сафаров // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ» (26 ноябри соли 2021). – Душанбе: DSFEU, 2021. – С. 543-546 (0,30 ҷ.ч.).

**3.** Сафаров, А.А. Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисоди кишвар [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, И.Р. Иброҳимзода // Маводи конфронси илмӣ-амалии «Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ» (13 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 36-40 (0,40 ҷ.ч.).

**Ба автореферати диссертатсия аз суроғаҳои зерин тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо:

- Мутобиқ ба мавзуи таҳқиқот манбаҳои сармоягузорӣ ва тамоюлу тағйироти сохторӣ (ҳиссаи ҳар як манбаъ дар умум) ва динамикаи онҳо бояд таҳлили васеъ мешуд;

- Таҳлили индикаторҳои муҳити сармоягузории мустакими хориҷӣ, низ дар автореферат дарҷ наёфтааст.

**2. Зоирзода Исломбек Сангаҳмад –** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Ҳангоми таҳқиқи проблемаи баррасишаванда ҳамкориҳои иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд кам таҳлил шудаанд;

- Хуб мешуд агар дар автореферати диссертатсия масъалаҳои маблағгузорӣ аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ васеътар инъикос мегардиданд.

**3. Гадоев Сӯхроб Ҷумақулович** – доктори илмҳои DSc, дотсент, мудири кафедраи Молия ва технологияҳои молиявии Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо чунин эрод:

- Хуб мешуд, ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар мисоли ягон давлати алоҳида нишон дода мешуд.

**4. Раҳимов Абдулатиф Маҷидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хӯҷанд бо чунин эродҳо:

- Дар автореферати диссертатсия муаллиф таҳлили ҷадвалу расмҳои овардаи худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондааст, агар ин ҳолат ба назар гирифта мешуд таҳқиқи устувори объект ва предмети диссертатсияро шаҳодат медод;

- Муаллиф дар расми ду сохтори механизми танзими раванди сармоягузориро овардааст. Аммо таснифоти овардашуда ба маълумоти воқеӣ дар сатҳи лозима асоснок нагардидааст, ки ин ҳолати мазкур барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиби таҳлилӣ нисбатан монеа эҷод менамояд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои қайдшуда асосан хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ мавҷудияти интишороти онҳо дар самти мазкур ва аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти муқарризон барои пешниҳоди тақриз муайян карда шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** ба он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти таҳқиқоти илмӣ дахлдор шинохташуда буда, имконияти баҳои воқеӣ додан ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд, ки аз тарафи довталаби** дарёфти дараҷаи илмӣ дар асосӣ таҳқиқоти илмӣ:

- таҳлили интиқодии назарияҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ), робитаи мутақобилаи онҳо бо амалияи ҷалби сармояи хориҷӣ, хосияти тамоюлоту тағйирпазирии динамика ва сохтори СМХ **коркард карда шуд;**

- таснифи шаклҳои сармоягузории хориҷӣ дар асоси меъёрҳои дар амалияи ҷаҳонӣ маъмул, муайян сохтани аҳаммияти афзалиятноки шаклҳои мухталифи сармоягузорӣ дар сохтори сармояи хориҷии андӯхташуда **муайян карда шудаанд;**

- арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), паркҳои инноватсионию технологӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи он дар шароити махсусу мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили комплексии сармоягузориҳои хориҷии андӯхташуда, мулоҳизаҳо оид ба арзёбии дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии инкишофи ҷумҳурӣ **арзёби гардидааст;**

- таҳқиқи омилу воситаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии

танзими раванди сармоягузорӣ **таҳлил гардидааст;**

- тавсифу шарҳи вазъи мавҷудаи фазои сармоягузорӣ ва ниҳоду омилҳое, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд **омӯхта шудааст;**

- таҳлилу муайян сохтани принсипҳои асосӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо, ошкор кардани роҳҳои баланд бардоштани нақши онҳо баҳри ҳавасмандгардонии талаботу фаъолгардонии сармоягузории инфрасохтори истеҳсолӣ, иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз, таҳияи тадбирҳои дахлдор оид ба муносибтар сохтани (оптимизатсияи) механизми танзим ва такмили раванди сармоягузорӣ **таҳия гардидаанд.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асарҳои илмии олимони иқтисоддон, олимони хориҷию ватанӣ оид ба масъалаҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишвар, инчунин, натиҷаҳои таҳлилҳои мушаххаси муаллиф оид ба баррасии проблемаи таҳлилшуда **ташкил менамоянд;**

- вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои таҳқиқоти назариявӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, таҳлилӣ-омилӣ ва гурӯҳбандии оморӣ **истифода шудаанд;**

- асарҳои олимони хориҷию ватанӣ оид ба масъалаҳои маблағгузории иқтисодии хориҷӣ, ташаккул додани сиёсати сармоягузорӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби дороиҳои хориҷӣ, механизми танзими раванди сармоягузорӣ заминаҳои назариявии таҳқиқотро **ташкил додаанд;**

- исбот карда шудааст, ки аҳамияти назариявии таҳқиқот дар истифодаи муқаррароти назариявӣ ва методии арзёбӣ ва усулҳои ҷалби сармоягузориҳо ба рушди иқтисодиёти мамлакат замина гузошта, ба самти ислоҳоти институтсионалӣ дар мамлакат **нигаронида шудааст;**

- коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ оиди таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки омили муҳими тараккиёти иқисодиёти миллӣ баромад мекунанд ва рушди ҳамгироии иктисодиёти кишварро таъмин менамоянд, **баён шудаанд;**

- камбудии ҷозибанокии мамлакат, фазои сармоягузории он барои СМХ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо **ошкор гардидаанд;**

- назарияҳои олимон ва мактабҳои иқтисодӣ доир ба ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ ва ҳаракати байналмилалии сармоя, роҳу услубҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, гурӯҳбандии шаклҳои он, хусусиятҳои гуногуни сармоягузорӣ, нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои алоҳида, хусусияти бозори ҷаҳонии сармоягузорӣ ва ғайра **омӯхта шудаанд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои “Иктисодиёти ҷаҳонӣ”, «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ», «Муносибатҳои асъорию қарзӣ ва молиявии байналхалқӣ», «Фаъолияти байналхалқии сармоягузорӣ», «Тиҷорати байналхалқӣ», «Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шуда (санади татбиқ аз 20.12.2021, №1409/04), бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои татбиқ қабул карда шудаанд ва ҳангоми таҳияи барномаҳои соҳавӣ, курсҳои таълимӣ ва махсуси бахши сармоягузорӣ метавонанд **истифода шаванд;**

- **муайян карда шуданд,** таҷрибаи як қатор кишварҳо, аз ҷумла давлатҳои ИДМ-ро, ки тавассути ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои инноватсионӣ ва технологӣ сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб мекунанд, аз мавқеи интиқодӣ таҳлил намуда, пешрафту норасоиҳои фаъолияти онҳоро кушоду равшан нишон медиҳад, ки ҳангоми истифодаи он дар шароити Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шаванд. Ба андешаи

муаллиф кӯшиши истифодаи механикӣ ва шитобкоронаи таҷрибаи бегона, ки дар дигар шароити институтсионалӣ самарабахши худро нишон додааст, бе назардошти тамоми хусусиятҳои иқтисоди ҷумҳурӣ, институтҳои анъанавӣ ва муосири он қобили қабул намебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки**:

- кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, дақиқии маълумотҳо, бо гузаронидани таҷрибаҳо, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ **асос меёбанд;**

- ғоя дар асоси таҳқиқотҳои олимони иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таҳқиқот ва таҳлили вазъи кунунии ҷалби сармоя ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон **асоснок шудааст;**

- коркарди тавсияҳои илмӣ оид ба механизмҳои ҳамкорӣ дар самти ҷалби сармояи ниҳодҳои байналмилалӣ, инвесторҳо ва донорҳо дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани афзалиятҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти рушди иқтисод аз ҳисоби ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармоя татбиқшаванда мебошанд, **истифода карда шудааст;**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварии, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф зарурати гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ дар самти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои илмӣ **асоснок карда шудааст;**

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия **татбиқ карда шудааст** (санади татбиқ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди

Тоҷикистон аз 20.12.2021, №1409/04 ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2020, №2-2В/286);

- мукаррароти асосии диссертатсия дар 9 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,8 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 маколаи илмӣ дар маҷалаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, **нашр гардидаанд.**

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 аз санаи 28.09.2024 карори сазовор донистани Сафаров Абдумалик Абдусатторович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иктисодиёти ҷаҳонӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, «мукобил» - нест, «бюллетенҳои беэътибор» - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усманова Т.Ч.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Ш.М.

28.09.2024.